**Рӯйхати**
**ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии давлатии филиал ё намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ**

Тартиби бақайдгирии давлатии филиал ё намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ тибқи муқаррароти боби 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба роҳ монда мешавад.

Бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) филиал ё намояндагӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки номгӯи онҳоро моддаи 29 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, бо дар худи ҳамин муддат додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии он амалӣ мегардонад.

Мутобиқи талаботи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» барои бақайдгирии давлатии филиал ё намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1) ариза барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ. Дар ариза маълумоти зерин нишон дода мешавад:

2) қарори мақоми ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар бораи таъсис додани филиал ё намояндагӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар бораи таъин намудани роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки онҳоро шахсони ваколатдори шахси ҳуқуқии хориҷӣ имзо кардаанд;

3) нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар ҳолате, ки агар ҳуҷҷатҳоро роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод кунад; нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият ва ваколатнома ба номи шахси ваколатдор, агар аз ҷониби шахси ваколатдор ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардад;

4) ваколатнома ба номи роҳбари филиал ё намояндагӣ;

5) нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ё дигар ҳуҷҷати бо қувваи қонуниаш ба он баробар, ки ҳолати ҳуқуқии ин шахсро тасдиқ мекунад;

6) пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ.

Ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 2), 3), 4) ва 5) қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҷума карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои дар банди 5) қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд бо тартиби муқарраргардида қонунӣ (легализатсия) гардонида шаванд. Тарҷумаи ҳуҷҷатҳои дар бандҳои 2), 3), 4) ва 5) қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод гардидаанд, бояд ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шавад.

Қонунигардони (легализатсия) барои ҳуҷҷатҳое, ки бо мақсади бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷии мамлакатҳои аъзои шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, талаб карда намешавад.